**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Раҳимзода Сафар Орзу дар мавзуи «Ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои шахс: таҳқиқоти таърихӣ-назариявӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст.**

Яке аз масъалаҳои мубрами илми ҳуқуқшиносӣ ва хосатан назарияи давлат ва хукукро маҳз ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ташкил менамояд. Доир ба муҳимияти таъмини риоя ва ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд андешаҳои олимони соҳа зиёд чашмрас мебошад. Аммо, дар ҷодаи ҳимояи судии ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон дар ҳошияи таҳқиқи таърихӣ ва назариявӣ барои назарияи илми ҳуқуқшиносии ватанӣ рисолаи мукаммали илмӣ ба сомон расонида нашудааст.

Ҳокимияти судӣ тибқи муқаррароти ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ягона механизми баамалбарорандаи адолати судӣ дар мамлакат ба шумор рафта, дар як маврид шохаи алоҳидаи ҳокимияти давлатиро ташкил менамояд. Яъне аз ҳолати мазкури мавқеъгирии низоми судии ҷумҳурӣ маълум мегардад, ки накши он дар таъмин, риоя ва татбиқи боадолатонаи нишондодҳои қонунгузорӣ нисбат ба инсон ва шаҳрванд бениҳоят калидӣ мебошад. Бо ин назардошт барои дақиқ ва аз нуқтаи назари доктриналӣ, қонунгузорӣ ва барномавӣ мавриди таҳқиқ қарор додани масоили фарогиршудаи мавзӯи мазкур барои илми назарияи давлат ва ҳуқуқ мубрам арзёбӣ карда мешавад.

Боиси зикри хос мебошад, ки муаллифи диссертатсия ҷанбаҳои ҳимояи судии ҳуқуқҳои шахсро дар доираи маъхазҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ ба риштаи таҳлил ва баррасӣ кашидааст, ки ҳолати мазкур ба мукаммалӣ, низомнокӣ, ботартибӣ ва хусусияти ояндабинона доштани таҳқиқот оварда расонидааст. Барои он ки бештари таҳқиқотҳое, ки хислати хоси таърихӣ-ҳуқуқӣ доранд заҳмати зиёдро талаб намоянд ҳам аммо натиҷаи бештари илмӣ ва хулосаҳои зиёди пурмаҳсулро ба амал меоваранд. Ҳамзамон, чунин тарзи таҳқиқ имконияти бештарро барои дақиқсозии ҳолати гузашта, вазъи амалкунанда ва ояндаи самт ва падидаи матраҳшаванда фароҳам меоварад.

Аз таҳлили ҳамаҷанба ва матраҳсозии масъалаҳои дар автореферат дарҷгардида ба хулосае омадан мумкин аст, ки сохтори таҳқиқот низомнок ва бо риояи мантиқи илмӣ таҳия гардидааст. Автореферати диссертатсия кулли талаботи амалкунандаро фарогир буда, натиҷаҳои пурра ва босамари таҳқиқотро ифода намудааст.

Аз мазмуну мухтавои автореферати диссертатсия бармеояд, ки муаллиф вазифаҳои гузошташударо дар сатҳи зарурӣ иҷро намуда, нуктаҳои илмии асоснок ва тавсияҳои амалии барои ояндаи рушди самти мазкур созгорро пешниҳод намудааст. Натиҷаи бадастомадаро метавон дар назария ва амалия ба сифати ғояи мукаммали илмӣ мавриди истифода қарор дод.

Аз моҳияти интишороти муаллиф, ки 13 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 5 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 8 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст, бармеояд, ки муаллифи диссертатсия дар самти масъалаҳои мухталифи мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ корҳои илмии арзишмандро анҷом додааст, ки натиҷаи онҳоро метавон дар самтҳои алоҳидаи илми ҳуқуқшиносӣ истифода намуд.

Таҳлили автореферати диссертатсияи Раҳимзода С.О. нишон медиҳад, ки таҳқиқоти илмӣ дар маъхазҳои илмӣ, таърихӣ ва дигар намуди сарчашмаи расмӣ-ҳуқуқӣ анҷом дода шудааст.

Дар баробари ҷабҳаҳои мусбат, инчунин ҳолатҳое ба назар мерасанд, ки баҳснок мебошанд, аз он ҷумла:

1. Аз ҷониби муаллифи диссертатсия дар саҳифаи 13-уми автореферат нуқтаи чоруми (4.2.) ба ҳимоя пешниҳодшавандаро зикр намудааст, ки мавқеи диссертант ба таври васеъ иброз шудааст. Ҳамзамон, диссертант пешниҳод намудааст, ки тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ворид карда шавад. Аммо, ба тариқи дақиқ мушаххас гардонида нашудааст. Бинобар ин, хуб мебуд аз ҷониби унвонҷӯ дар чараёни ҳимояи ошкорои диссертатсия оид ба масъалаи дар нуктаи ба ҳимоя пешниҳодшавада ба таври мушаххас мавқеашро муайян намояд.

2. Дар таҳқиқоти автореферати диссертатсия баъзе камбудиҳои имлоӣ ба назар мерасад, ки ҳолати мазкур диссертантро водор менамояд то минбаъд ба ин ҷабҳаи масъала диққати ҷудогона диҳад.

Мулоҳизаҳои мазкур ҳангоми баҳодиҳии мусбати автореферати таҳқиқоти диссертатсионӣ нақши муайянкунандаро намебозанд ва танҳо

инъикоскунандаи он мебошанд, ки масъалаҳои баррасишаванда хеле муҳим буда, мураккаб ва баҳсноканд.

Мазмун ва муҳтавои автореферати диссертатсияи Раҳимзода Сафар Орзу дар мавзуи «Ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои шахс: таҳқиқоти таърихӣ-назариявӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат ба талаботи муқаррарнамуда ва амалкунандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсент, мудири кафедраи назария ва
таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети
ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,
бизнес ва сиёсати Тоҷикистон Қодирзода М.А.

Имзои Қодирзода Мирзоқодир Аюб-ро тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес
ва сиёсати Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Бобоев А.Х.

ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, Муассисаи давлатии таълимии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, 735700, шаҳри Хуҷанд, микроноҳияи 17, бинои 1, Тел:+992 (3422) 2-38-11; Факс:+992 (3422) 2-51-70.
Веб сайт: www.tsulbp.tj. Email: tsulbp@rambler.ru

26.01.2026с.